# ХУЛОСАИ

**кафедраи идоракунии молияи давлатӣ Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсияи** Мирзоева Меҳрубону Умаровна дар мавзӯи «Муҳоҷирати меҳнатӣ ва нақши маблағҳои интиқолшудаи онҳо дар рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат», **барои гузаштан аз даври якуми экспертизаи диссертатсия аз рӯи ихтисоси 08.00.11-** Иқтисодиёти нуфус ва демография.

Мирзоева Меҳрубону Умаровна, соли таваллудаш 1993, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 2010 - 2015 Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси молия ва қарз, ва соли 2016 - 2020 Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон-ро аз рӯи ихтисоси менеҷер хатм намудааст.

Мирзоева Меҳрубону Умаровна соли 2019 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи идоракунии молияи давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил шуд.

Тибқи қарори ҷаласаи навбатии Шурои олимони факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 24.04.2020, №09 рисолаи илмии унвонҷӯ Мирзоева Меҳрубону Умаровна дар мавзӯи «Муҳоҷирати меҳнатӣ ва нақши маблағҳои интиқолшудаи онҳо дар рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат», зери роҳбарии н.и.и., Бобоев А.А. тасдиқ карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** номзади илмҳои иқтисодӣ, Бобоев Анвар Абдуллоевич.

**Мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқот.** Масъалаҳои ҳаракати муҳоҷиратӣ дар сарзамини тоҷикон, мисли дигар кишварҳои дунё, аз даврахои қадим ба амал омадаанд ва ин раванд то ин ки инсон дар дунё вуҷуд дорад, давом хоҳад ёфт. Сиёсати муосири давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муҳоҷират пеш аз ҳама ба бартараф намудани муҳоҷирати ғайрирасмӣ дар асоси ташкили заминаҳои ҳуқуқӣ барои танзими ҷараёни муҳоҷират равона шудааст. Инчунин, якҷоя бо давлатҳои қабулкунандаи муҳоҷирон ташкили низоми ҳамоҳангии муҳоҷирати

меҳнатӣ, ки ҳаҷман нисбат ба дигар намудҳои муҳоҷирати аҳолӣ хеле бузург мебошад, яке аз мақсадҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва стратегии давлатӣ ба ҳисоб меравад.

Муҳоҷират дар раванди рушди иҷтимоию иқтисодии кишварҳо нақши бузурге дорад, ки доир ба он олимону коршиносони дунё тахқиқотҳои бисёрро ба анҷом расонидаанд ва он яке аз масъалаҳои мубрами руз ба ҳисоб меравад. Мутаассифона баъзе аз мунақидон бар он ақидаанд, ки муҳоҷирати аҳолӣ ва хусусан муҳоҷирати меҳнатӣ ҳариб ки ба рушди давлатҳо таъсири мусбат надорад, зеро ба назари онҳо ин раванд танҳо аз камбудию бохти миллии кишварҳо иборат мебошад.

Ин гуна фикру ақидаҳо аз нуқтаи назари муаллиф комилан нодуруст ҳисобида мешавад, чунки он бархилофи конунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Консепсияю Стратегияҳо дар самти муҳоҷират мебошад, ки аз тарафи Ҳукумати мамлакат қабул гардидаанд. Вобаста ба ин, мо кӯшиш намудем, ки масъалаи мазкурро мавриди омӯзиш қарор диҳем ва ҷиҳатҳои мусбии муҳоҷиратро дар рушди иқтисодию иҷтимоии кишварҳо бо дарназардошти таҷрибаи миллию байналхалқӣ дарҷ намоем, гарчанде дар ҷараёни муҳоҷирати аҳолӣ ҷиҳатҳои манфӣ низ ҷой доранд ва доир ба пешгирии он рушди ҳамкориҳои байниидоравию байнидавлатӣ зарур аст.

Муҳоҷирати аҳолии байналхалқӣ ва байниминтақавӣ ҷойивазкунии одамонро байни давлатҳо бо мақсади пайдо кардани фаъолияти кории доимӣ бо маоши арзанда, шароити беҳтари зиндагӣ, бехатарӣ ва дигар омилҳои иқтисодию иҷтимоӣ дар сатҳи гуногун ва мӯҳлатҳои ҳархела, ифода менамояд. Дар шароити муосир муҳоҷирати меҳнатии беруна яке аз омилҳои муҳими рушди иқтисодии мамлакатҳои қабул ва интиқоли муҳоҷирон ба ҳисоб меравад. Ин гуна омил на танҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки ба кулли давлатҳои хориҷи дуру наздик хос мебошад ва дар ин раванд давлатҳое бурд карда метавонанд, ки сиёсати самараноки муҳоҷиратиро роҳандозӣ менамоянд.

Соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ ва маблағҳои интиқолгардидаи муҳоҷирон ба ватани аҷдодиашон дар зисту зиндагии шаҳрвандон, баланд бардоштани

некӯаҳволии аҳолӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар ҷомеа, нигоҳдории қурби асъори миллӣ, мӯътадил гардонидани шиддати бозори меҳнат дар дохили мамлакат, тараққиёти кишвар ва фароҳам овардани шароити мусоиди иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсӣ нақши бебаҳо дорад. Аз ин лиҳоз бисёри кишварҳо афзалиятнокии соҳаи мазкурро дар рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва инноватсионӣ қайд намуда, ҳамзамон кӯшиш менамоянд, ки самаранокии соҳаи муҳоҷиратро тавассути татбиқи сиёсати мақсаднок ва муосири муҳоҷиратӣ бештар намоянд.

Дар ҳолати дуруст ба роҳ мондани сиёсати самараноки муҳоҷиратӣ, маблағҳои муҳоҷирон метавонанд ба мисли сарчашмаи иловагии хориҷии капитали омадаистодаи ҳарсола истифода карда шаванд. Чунин вазъиятро давлатҳои интиқоли муҳоҷирон бояд бо тамоми ҷиддият ба назар гиранд, зеро тайи солҳои охир сармояҳои мустақими хорӣ дар бозори байналхалқӣ коҳиш ёфтаанд ва сабаби асосӣ дар он аст, ки иқтисодиёти кишварҳои тараққиёфта дар ҳолати номусоид қарор дорад. Мисоли давлатҳои Ҳиндустон, Филиппин, Туркия, Хитой ва баъзеи дигарон, ки дар чунин шароити душвори иқтисодии ҷаҳонӣ ҳаҷми маблағҳои воридшуда аз муҳоҷирон паст нашуда баръакс баланд гардидааст, барои бисёр давлатҳо намунаи ибратбахш оид ба ҷорӣ намудани сиёсати пай дар пай ва самараноки муҳоҷиратӣ мебошад.

Муҳимияти интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ барои давлатҳои тараққӣ карда истода ҳоло дар аввали солҳои 1980-уми асри гузашта аз ҷониби созмонҳои байналхалқӣ қобили қабул гардида буд ва он боиси муҳокимаи коршиносону сиёсатмадорон низ шуда буд. Таҳқиқотҳои зиёди доир ба масъалаи мазкур гузаронидашуда маълум карданд, ки интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ бо маънои томи он ба вазъи иқтисодии давлатҳои қабулкунанда ва интиқолдиҳандаи муҳоҷирон таъсири мусбат мерасонад. Вобаста ба муҳимияти масъалаи омӯхташаванда ва афзоиш ёфтани ҳаҷми умумии интиқоли маблағҳо дар миқёси ҷаҳон, таҳқиқотҳои сотсиологӣ дар ин самт хусусияти хоси табиӣ ва андозаи ниҳоят калонро

қабул намудаанд, ки афзалиятнокии мавзуи интихобшударо тасдиқ менамоянд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуҳои илмӣ**

Бояд тазаккур дод, ки доир ба мавзуи таҳқиқотии пешниҳодшуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақолаҳои илмӣ ва оммавӣ нашр гардидаанд, лекин корҳои илмии бунёдӣ гузаронида нашудаанд. Соли 2019 Созмони байналхалқӣ оид ба муҳоҷират ҳисоботи калонро дар ҳаҷми 550 саҳифа "О миграции" омода кард ва он ба раванди муҳоҷирати байналхалқӣ бахшида шудааст. Олими рус Т.А. Верещагина соли 2004 мақолаи илмии худро доир ба мавзуи "Миграция как фактор социально-экономического развития" ба табъ расонидааст, лекин он бештар ба вазъи Россия дахл дораду дар асоси таҳқиқотҳои миллии кишвари худ тахти омӯзиш карор дода шудааст. Инчунин, аз соли 2011 диссертатсияи номзадии Ҳакимов П.Ш. дар мавзуи "Внутренняя миграция населения как фактор социально-экономического развития"вучуд дорад, ки он ба масъалаҳои муҳоҷирати аҳолӣ дар дохили кишвар бахшида шудааст ва ин самт бо муҳоҷирати меҳнатии беруна аз ҷиҳати оммавӣ будани он ва ҳаҷми интиқоли маблағҳо, ки миллиардҳо доллари амроикоиро ташкил медиҳад, баробар шуда наметавонад.

**Мақсади таҳқиқот -** аз омӯзиши вазъи ҳозираи муҳоҷирати аҳолӣ ва нақши он дар рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин омода намудани тавсияҳо оид ба татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқот иборат мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот:** Барои ноил гардидан ба мақсади таҳқиқот, иҷрои вазифаҳои зерин гузошта шуданд:

- омӯзиши асосҳои назариявии ҷараёни муҳоҷирати аҳолӣ ва алалхусус муҳоҷирати меҳнатӣ дар давраи муосир;
- таҳқиқ кардани усулҳо ва тартиби воридот ва содироти маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ;

- омӯзиши таҷрибаи байналхалқӣ оид ба истифодаи ҷараёни муҳоҷират дар раванди рушд;
- таҳлили вазъи муосири интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва ҷалби он дар рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат ва некӯаҳволии оилаҳои муҳоҷирон;
- омӯзиши масъала оид ба таъсири пандемияи COVID-19 ба ҷараёни муҳоҷират ва интиқоли пулии муҳоҷирони меҳнатӣ;
- таҳқиқи муҳоҷирати меҳнатии берунаи занон ва нақши оилаҳои муҳоҷирон дар раванди рушд;
- омода намудани тавсияҳо оид ба танзими давлатии ҷараёни муҳоҷирати аҳолӣ ва истифодаи самараноки маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар рушди мамлакат.

**Объекти таҳқиқот** - раванди муҳоҷирати аҳолӣ ва алалхусус муҳоҷирати меҳнатӣ дар давраи муосир инчунин саҳми маблағҳои интиқолдодаи онҳо.

**Мавзӯи таҳқиқот** – муҳоҷирати меҳнатӣ ва нақши маблағҳои интиқолдодаи муҳоҷирон дар рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат.

Фарзияи таҳқиқот - аз он иборат аст, ки дар ҳолати татбиқи сиёсати мақсаднок ва самараноки муҳоҷират, ҳаҷми интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва нақши он дар рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат баланд мегардад.

**Усулҳои таҳқиқот.** Дар диссертатсия барои ноил шудан ба мақсад ва вазифаҳои гузошта шуда, усулҳои иқтисодию оморӣ, монографӣ, абстрактию мантиқӣ, гурӯҳбандии ҳисоби конструктивӣ ва ғайра истифода карда шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ** Асосҳои назариявии ҷараёни муҳоҷирати аҳолӣ ва алалхусус муҳоҷирати меҳнатӣ дар давраи муосир омӯхта баромада шуданд;;

- усулҳо ва тартиби муайян кардани воридот ва содироти маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ таҳқиқ шуданд;

- таҷрибаи байналхалқӣ оид ба истифодаи ҷараёни муҳоҷират дар раванди рушд бо дарназардошти татбиқи амалии он дар кишварамон омӯхта шуд;

- вазъи муосири интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва ҷалби он дар рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат ва некӯаҳволии оилаҳои муҳоҷирон мавриди таҳқиқ қарор дода шуд;

- масъала оид ба таъсири пандемияи COVID-19 ба ҷараёни муҳоҷират ва интиқоли пулии муҳоҷирони меҳнатӣ омӯхта даромада шуд;

- муҳоҷирати меҳнатии берунаи занон ва нақши оилаҳои муҳоҷирон дар раванди рушд таҳқиқ карда шуд;

- тавсияҳо оид ба танзими давлатии ҷараёни муҳоҷирати аҳолӣ ва истифодаи самараноки он дар рушди кишвар омода гардиданд.

**Дастовардҳои муҳимтарине, ки муаллиф зимни таҳқиқот ба даст оварда ба ҳимояи ошкоро пешниҳод менамояд, аз инҳо иборатанд:**

1. Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муҳоҷират ба паст кардани шиддати он дар мамлакат, татбиқи чорабиниҳои давлатӣ оид ба таъсис додани ҷойҳои нави корӣ бо маоши арзанда ва нигоҳ доштани ҷойҳои кории мавҷудбуда, расидан ба мақсадҳои шуғли пурмаҳсул ва зиёд намудани пасандозҳои шаҳрвандон барои баланд бардоштани некӯаҳволӣ ва таъмини ҳаёти осудаҳолонаи мардуми кишвар равона карда шудаанд.

2. Дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои асосӣ, вазифаҳо ва афзалиятҳо оид ба таъмини амнияти соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ ва худи муҳоҷирон, инчунин масъалаҳо марбут ба татбиқи сиёсати давлатии муҳоҷират ва идора кардани равандҳои он мутобиқи қонунгузории миллӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи муҳоҷират муайян гардидаанд. Ҳамзамон, бо дигаргун гаштани сиёсати муҳоҷиратии бисёр давлатҳои хориҷи дуру наздик ва тағйир ёфтани вазъи муҳоҷирати байналхалқӣ, зарурат ба миён омадааст, ки қонунгузории миллӣ дар ин самт такмил дода

шуда, институтҳои ҳозиразамони муҳоҷират дар ҳамаи зинаҳои давлатӣ созмон дода шаванд.

3. Равандҳои муҳоҷирати аҳолӣ дар Тоҷикистон мисли дар миқёси ҷаҳон афзоиш ёфта истодаанд ва он ба шакли глобалӣ мубаддал гаштааст. Сабабҳои асосии шиддат ёфтани ҷараёни муҳоҷирати аҳолӣ дар дунёи имрӯза, ин вазъияти душвори иқтисодию иҷтимоии мамлакатҳо, омилҳои сиёсӣ, демографӣ, экологӣ ва ғайраҳо мебошанд, ки дар асоси он шаҳрвандон маҷбур мешаванд ҷойҳои муқимии худро тарк карда ба дигар минтақаҳо сафар намоянд.

4. Сабаби асосии ба маротиб зиёд гардидани шумораи муҳоҷирони меҳнатии кишварамон дар он аст, ки ҳар сол захираҳои меҳнатии ба бозори меҳнати дохили мамлакат воридшаванда 200 – 220 ҳазор нафарро ташкил медиҳад[1] ва қисми зиёди онҳо ҷойҳои кориро дар дохили мамлакат пайдо накарда, маҷбур мешаванд барои таъмини молиявӣ ва озуқавории оилаҳои худ, ба хорича равона гарданд.

5. Раванди аз хорича баргаштани шумораи зиёди муҳоҷирони меҳнатии кишварамон барои Тоҷикистон зуҳуроти нав мебошад ва бо мақсади ҳалли душвориҳои ҷойдошта ва ба танзим овардани равандҳои муҳоҷират, Ҷумҳурии Тоҷикистонро лозим аст, ки мисли дигар давлатҳои дар соҳаи муҳоҷират муваффақ сиёсати самараноки муҳоҷиратиро интихоб намуда, ин раванди афзоишёбандаро барои рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат равона созад.

6. Таҳқиқ карда шуд, ки дар солҳои 2007-2020 миқдори маблағҳои гузаронидашудаи шахсони воқеӣ – муҳоҷирони меҳнатӣ, ҳамватанони бурунмарзӣ ва диаспораҳо ба Тоҷикистон 34 млрд. 022 млн. доллари ШМА-ро ташкил дод, ки ин натича тасдиқи иқтидори бузург ва саҳмгузории муҳоҷирон дар раванди рушди босуботи давлати тоҷикон мебошад.

7. Дар натичаи омӯзиши таҷрибаи байналхалқӣ муқаррар карда шуд, ки системаи муассисаҳои таълими касбии ҷумҳуриявӣ ба азнавсозӣ ниёз доранд

---

[1] Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2015 (саҳ. 16), ки бо қарори Ҳукумат аз 3 январи соли 2014, №19 тасдиқ шудааст.

ва ба Тоҷикистон ҳамчун давлати интиқолдиҳандаи муҳоҷирони меҳнатӣ ба мақсад мувофиқ аст, ки асосҳои ҳамкориҳои хусусӣ – давлатиро мутобики намунаи модели кишвари Филиппин ҷорӣ намояд, ки он дар тамоми ҷаҳон пазируфта шудааст. Таҳкурсии чунин ҳамкориҳо аз он иборат мебошад, ки бахши хусусии таълимӣ ба давлат ҷиҳати омӯзиши шаҳрвандон ба касбу ихтисосҳои рақобатпазир, ки дар бозори меҳнати байналхалқӣ талабот доранд, дастгирии бузург мерасонад ва он 68%-и муассисаҳои таълими касбиро ташкил медиҳад;

8. Муайян карда шуд, ки баъд аз соли 2015 дар Тоҷикистон Барнома ва ё Стратегияи давлатӣ оид ба ҳалли масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ қабул нашудааст ва ин вазъи умумии муҳоҷират ва будубоши муҳоҷиронро бадтар кардааст. Аз ин хотир, бо мақсади нигоҳ доштани пайдарҳамӣ дар ҳалли масъалаҳои муҳоҷират ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар ин самт, қабули Барнома ё Стратегияи давлатии миёнамӯҳлати муҳоҷирати меҳнатӣ бо дарназардошти бобҳои алоҳида марбут ба ҳамкориҳо бо Россия, ҳамгироии муҳоҷирони меҳнатии баргашта, оқибатҳои вабои “коронавирус”, зарур мебошад.

9. Дар асоси пурсишҳои сотсиологӣ муқаррар карда шуд, ки аксарияти коргарони муҳоҷир ихтисосҳои муосир надоранд ва аз ин ҷиҳат дар бозори байналхалқии меҳнат рақобатпазир нестанд. Айни замон, барои омӯзиши касбҳои замонавӣ, таҳияи барномаҳои ҳозиразамон, технологияҳои нав дар системаи муассисаҳои касбӣ, риояи стандартҳои байналмилалии тахассусӣ ва таъмини муассисаҳои касбӣ бо муаллимон-устодони интеҳсолии ботаҷриба зарур аст. Ҳамзамон, барқарор кардани системаи комбинати омӯзишӣ-истеҳсолӣ бо фарогирии шумораи зиёди шаҳрвандон, зарур аст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот**. Рисола ва таҳқиқоти бунёдӣ дар таҷрибаи амалии кишвар аввалин маротиба гузаронида шудааст. Дар доираи як кори илмӣ масъалаҳои гуногун оид ба истифодаи самараноки маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар рушди кишвар, воридот ва содироти маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, интиқоли маблағҳои муҳоҷирон бо дарназардошти

таҳсимот ба минтақаҳои ҷумҳурӣ, аввалин маротиба мавриди омӯзиш карор дода шудаанд ва он минбаъд низ бо сабаби афзалиятнокӣ дар давлатҳои қабул ва интиқоли муҳоҷирон, таҳқиқ ва таҳлил карда мешавад.

Натичаҳои таҳқиқот мумкин аст дар фаъолияти макомоти давлатии ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ, муассисаҳои таълимоти олӣ ва илмии мамлакат, дигар ташкилоту идораҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, инчунин дар тахияи барномаю стратегияҳои давлатӣ оид ба рушди иқтисодию идоракунии давлатии муҳочират, истифода бурда шаванд.

Тавсияҳо ва хулосаҳои асосии муаллифи диссертатсия ба ҳалли вазифаҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба фаъолгардонии муносибати макомоти дахлдори давлатӣ ба соҳаи муҳоҷират равона гардидаанд, ки ҷиҳати татбиқи сиёсати давлатии муҳоҷиратӣ ҳамаҷониба мусоидат намоянд. Пешниҳодҳо доир ба самаранок истифода бурдани маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар раванди рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат имконият медиҳанд, ки бо дарназардошти таҷрибаи байналхалқии давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон, қонунгузории миллӣ дар самти муҳоҷират такмил дода шавад ва чомеаи шаҳрвандӣ мақсадҳои ҳазорсоларо дар амал татбиқ намояд.

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва мӯҳтавои диссертатсия, ки ба муҳокима пешниҳод шудааст.** Мавзӯи таҳқиқотӣ дар доираи соҳаи таҳқиқот мутобиқ ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои КОА дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро карда шудааст: ба ихтисоси 08.00.11 – Иқтисодиёти нуфус ва демография банди 11.Муҳоҷирати аҳолӣ, таснифот типҳо ва навъҳо ва усулҳои арзёбӣ, зербандҳои: 12.Танзими равандҳои муҳоҷират, механизмҳои муосири идоракунии муҳоҷирати меҳнатӣ; диаспорҳо ва ҳамватанони бурунмарзӣ; иқтидори онҳо дар рушди давлатҳо; танзими давлатии равандҳои муҳоҷират; 13.Қонуниятҳои муосири муҳоҷирати ҷаҳонӣ; таъсири муҳоҷирати меҳнатӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва инноватсионии кишварҳои қабулкунанда ва интиқолдиҳандаи муҳоҷирон; нақши маблағҳои интиқолдодаи муҳоҷирон дар ҳаёту фаъолияти

оилаҳои онҳо ва дар раванди рушди давлатҳо, афзорҳо ва амсилаҳои мувофиқсозӣ мувофиқат менамояд.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба мухтавои диссертатсия ва автореферати он**. Муқаррароту натиҷаҳои асосии таҳқиқотҳои диссертатсионӣ дар 9 мақола чоп гардидааст, ки ин 5 ҷ.ч. (аз он ҷумла 1,1 ҷ.ч. аз худи муаллиф), аз инҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп гардидаанд.

Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷаллаҳои илмиву маърӯзаҳои конференсияҳои илмӣ-амалии байналмиллалӣ ва ҷумҳуриявӣ дар давраи солҳои 2019-2022: Современный этап развития экономики Республики Таджикистан. Научно –Теоретический Журнал. Масъалаи муҳоҷирати меҳнатӣ ва нақши занон дар ин раванди афзоишёбанда. “Идоракунии давлатӣ” Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 2021.

Сабабҳои будубоши ғайриқонунии муҳоҷирони меҳнатӣ дар кишвари қабул ва тадбирҳо оид ба пешгирии афзоиши он. Маҷаллаи “Иқтисодиёти Тоҷикистон”-и ИИ ва Д АМИТ, Внутренная миграция Республики Таджикистан. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Нақши муҳоҷират дар рушди иқтисодиёт ва татбиқи сиёсати давлатӣ оид ба таъминот бо шуғли пурмаҳсул. маҷаллаи “Иқтисодиёти Тоҷикистон” Пандемияи ба амал омада ва тадбирҳо ҷиҳати беҳтар намудани вазъи муҳоҷират, Бозори меҳнат”. Маҷаллаи илмии муассисаи давлатии “Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ. Идоракунии зиддибӯҳронӣ: таҳлил, баррасӣ, ва ҷустуҷӯи механизмҳои бартарафсозии он. Конфренсияи байналмиллалии илмӣ – амалӣ Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Таъсири пандемияи (COVID – 19) ба ҷараёни муҳоҷират ва интиқоли пулии муҳоҷирони меҳнатӣ Конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ. 2021 ш. Кулоб. Муҳоҷирати меҳнатии берунаи занон ва нақши оилаҳои муҳоҷирон дар раванди рушд.Конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.АИДНПҶТ.Душанбе 2021. Интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва истифодаи самараноки он дар рушди устувори саноаткунонии Ҷумҳурии Тоҷикистон. АИДНПҶТ.Душанбе 2022. баён карда шудаанд. Инчунин натиҷаи тадқиқот дар таълими курсҳои махсуси амалӣ-молиявӣ, ба монанди: «Амалиётҳои

бонкӣ», «Муҳоҷират ва бозори меҳнат», «Низомҳои пардохт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Қонунгузории дар соҳаи муҳоҷират», ва монанди инҳо истифода шудаанд.

## ИНТИШОРОТ АЗ РӮИ МАВЗӮИ ДИССЕРТАТСИЯ

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.**

**[1-М].** Мирзоева М.У. Современный этап развития экономики Республики Таджикистан.//Научно –Теоретический Журнал №4151. 2020.С.110-114.

**[2-М].** Мирзоева М.У. Масъалаи муҳоҷирати меҳнатӣ ва нақши занон дар ин раванди афзоишёбанда.// "Идоракунии давлатӣ" Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 2021.№1(50) С.206 -212

**[3-М].** Мирзоева М.У. Сабабҳои будубоши ғайриқонунии муҳоҷирони меҳнатӣ дар кишвари қабул ва тадбирҳо оид ба пешгирии афзоиши он./Бобоев А.А.// Маҷаллаи "Иқтисодиёти Тоҷикистон"-и ИИ ва Д АМИТ, №2. 2021. – С. 127-141.

**[4-М].** Мирзоева М.У. Внутренная миграция Республики Таджикистан.// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**[5-М].** Нақши муҳоҷират дар рушди иқтисодиёт ва татбиқи сиёсати давлатӣ оид ба таъминот бо шуғли пурмаҳсул./Бобоев А.А./маҷаллаи "Иқтисодиёти Тоҷикистон",№3.2021.-С.180-186.

**Мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳо чоп шудаанд:**

**[6-М].** Мирзоева М.У. Пандемияи ба амал омада ва тадбирҳо ҷиҳати беҳтар намудани вазъи муҳоҷират, Бозори меҳнат./Бобоев А.А.// Бозори меҳнат". Маҷаллаи илмии муассисаи давлатии "Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ". Душанбе. Матбааи ООО "Сифат - Офсет". №. 2020. С. 40-48.

**[7-М].**Идоракунии зиддибӯҳронӣ: таҳлил, баррасӣ, ва ҷустуҷӯи механизмҳои бартарафсозии он/ Бобоев А.А.// Конфренсияи байналмиллалии илмӣ – амалӣ Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 25-26 ноябри соли 2021. С.193-200.

**[8-М].** Таъсири пандемияи (COVID – 19) ба ҷараёни муҳоҷират ва интиқоли пулии муҳоҷирони меҳнатӣ. /Бобоев А.А.//Конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ. 11. 12. 2021 ш. Кулоб С.53-57.

[9-М].Интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва истифодаи самараноки он дар рушди устувори саноаткунонии ҶТ.// 22-23 апрели соли 2022 матбааи АИДНПҶТ ш. Душанбе .С.160-167.
[10-М].Муҳоҷирати меҳнатии берунаи занон ва нақши оилаҳои муҳоҷирон дар раванди рушд.// Конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.12. 05. 2022. С. 232-243 матбааи АИДНПҶТ ш. Душанбе.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Диссертатсия дар натиҷаи таҳқиқоти худи унвонҷӯ ба шумор меравад. Ақидаҳои илмӣ, коркарди назариявию методологӣ, ки нақши худро дар илми иқтисодӣ мегузоранд, ба муаллифи диссертатсия дахл дорад. Ҳамаи корҳои иҷрогардида аз ҷониби муаллиф мустақилона амалӣ гардида, дар онҳо ҳолатҳои асосӣ ва натиҷаи таҳқиқот инъикос гардидааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд 25 нафар, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ 25 нафар, аз онҳо бо ихтисоси диссертатсияи муҳокимагардида д.и.и., профессор 4 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 25 нафар, «муқобил» - нест, «бетараф»- нест, суратҷаласаи №08, аз 30.03.2022с.

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи унвонҷӯ Мирзоева Меҳрубону Умаровна дар мавзуи «Муҳоҷирати меҳнатӣ ва нақши маблағҳои интиқолшудаи онҳо дар рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат» аз рӯи ихтисоси 08.00.11-Иқтисодиёти нуфус ва демография ба талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст ҷавобгӯ мебошад.
2. Мӯҳтавои асосии рисолаи илмӣ дар якчанд конфренсияҳои илмию амалии ҷумҳуриявӣ баромад карда шудааст. Мӯҳтавои асосии мақолаҳои аз ҷониби муаллиф дар давоми солҳои 2019-2022 эҷод ва чоп

гардида, инъикосгари мазмуну мундаричаи асосии мавзӯи таҳқикоти илмии муаллиф ба шумор мераванд.

3. Диссертатсияи унвончӯ Мирзоева Меҳрубону Умаровна дар мавзӯи «Муҳоҷирати меҳнатӣ ва нақши маблағҳои интиқолшудаи онҳо дар рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат» ба экспертизаи давраи навбатӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.11 -иқтисодиёти нуфус ва демография бо назардошти ислоҳи камбудиҳо иҷозат дода шавад.
4. Хулосаи мазкур дар ҷаласаи кафедраи идоракунии молияи давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми марти соли 2022, суратмаҷлиси №8 қабул гардидааст.
5. Бо ҳамин маҷлиси кафедраро пушида гуфта эълон менамоям.
6. Ташаккур ба ҳама барои иштироки фаъолона дар маҷлиси кафедра.

**Раисикунанда:**
**н.и.и., мудири кафедраи**
**идоракунии молияи давлатии АИДНПҶТ** **Досиев М.Н.**

**Декани факултети**
**идоракунии давлатӣ н.и.и.** **Достиев Э.А.**

**Котиб:**
**Ассистенти кафедраи**
**идоракунии молияи давлатии АИДНПҶТ** **Сафарова Ш.Р**

**Тасдиқ мекунам:**
**Сардори Раёсати кадрҳо,коргузорӣ**
**ва корҳои махсуси АИД назди Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Бобозода О.О.**

30.03.22.